# Сулаймон



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




III Подшоҳон 1:1-4






III Подшоҳон 1:5-8


ХОНУМ, ПАЙҒАМБАР НОТОН БО ШУМО ГУФТУГӮ КАРДАН МЕХОҲАД.
МАН БО Ӯ ВОМЕХӮРАМ.
АДӮНИЁ, ПИСАРИ ПОДШОҲ АЗ ҲАҶҶИТ, ПОДШОҲ ШУДААСТ, ХОҶААМОН ДОВУД АЗ ИН БЕХАБАР АСТ.
ТАНҲО ЯК РОҲ ҲАСТ, КИ БА ВОСИТАИ ОН ТУ ҲАЁТИ ХУДАТ ВА ПИСАРАТ СУЛАЙМОНРО НАҶОТ ДОДА МЕТАВОНӢ.
МАН МАСЛИҲАТ МЕДИҲАМ, КИ НАЗДИ ПОДШОҲ РАФТА, АЗ Ӯ ПУРСӢ: «МАГАР БА МАН ВАЪДА НАДОДА БУДӢ, КИ СУЛАЙМОН ПАС АЗ ТУ ПОДШОҲ МЕШАВАД? ПАС ЧАРО АДӮНИЁ ПОДШОҲ ШУДААСТ?»
БАЪД МАН ДАРОМАДА, СУХАНОНИ ТУРО ТАСДИҚ МЕКУНАМ.
ПАЙҒАМБАР НОТОН МЕХОҲАД БО ПОДШОҲ ГАП ЗАНАД.
Ӯ МЕТАВОНАД … ДАРОЯД.
АДӮНИЁ ГӮСФАНДОН ВА ГОВОНИ ЗИЁДЕРО ҚУРБОНӢ КАРДААСТ. САРЛАШКАР ЮОБ БА Ӯ ҲАМРОҲ ШУДААСТ.
АГАР Ӯ БА ТАХТ НИШИНАД, БО ПИСАРАТ СУЛАЙМОН ВА БО МАН ЧУН БО ҶИНОЯТКОРОН РАФТОР ХОҲАНД КАРД .
ҲАМАИ ОН ЧИ БАТШОБАЪ ГУФТ, РОСТ АСТ. НАХОД ПОДШОҲАМ БА ХИЗМАТГОРОНАШ НАГУФТА, ИН КОРРО КАРДА БОШАД?


ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОРЕ КИ ҶОНИ МАРО АЗ ҲАР ТАНГӢ РАҲО КАРДААСТ, ПИСАРАТ СУЛАЙМОН БАЪД АЗ МАН ПОДШОҲ МЕШАВАД.
ХОҶААМ ПОДШОҲ ДОВУД ТО АБАД ЗИНДА БОД!
БАНОЁИ САРДОРИ ПОСБОНОНИ МАРО БО СОДӮҚИ КОҲИН НАЗДИ МАН ҶЕҒ ЗАНЕД.
БАНДАГОНИ ХОҶАИ ХУДРО ҲАМРОҲИ ХУД БИГИРЕД, ВА ПИСАРАМ СУЛАЙМОНРО БАР ХАЧИРИ МАН САВОР КУНЕД.
БА ХИЗМАРГОРОН ФАРМОЕД, КИ КАРНАЙ НАВОХТА, БИГӮЯНД: "ЗИНДА БОД ПОДШОҲ СУЛАЙМОН!"
ВА АЗ АҚИБИ Ӯ БАРОЕД, ТО КИ Ӯ ОМАДА, БАР ТАХТИ МАН НИШИНАД ВА БА ҶОИ МАН ПОДШОҲӢ КУНАД.
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР ТАХТИ СУЛАЙМОНРО АЗ ТАХТИ ПАДАРАШ БУЗУРГТАР ГАРДОНАД!


БИГУЗОР ПОДШОҲИИ ПИСАРИ ДОВУД ПУР АЗ БАРАКАТҲОИ ПАРВАРДИГОР ГАРДАД.
ЗИНДА БОД ПОДШОҲ СУЛАЙМОН!
БИГУЗОР ПОДШОҲИИ Ӯ ЧУН ПОДШОҲИИ ПАДАРАШ БУЗУРГ БОШАД!
ЗАМИН АЗ САДОҲОИ ҶАШН ГӮЁ МЕЛАРЗИД.
ТУ МАРДИ АМИН ҲАСТӢ ВА МУЖДАИ НЕК МЕОВАРӢ.
БА ҲЕҶ ВАҶҲ, САРЛАШКАР ЮОБ. ПОДШОҲ ДОВУД ПИСАРАШ СУЛАЙМОНРО ПОДШОҲ ГАРДОНИДААСТ. ҲАМРОҲИ Ӯ ДАР БАЙНИ ИЗДИҲОМ НОТОНИ ПАЙҒАМБАР, СОДӮҚИ КОҲИН, БАНОЁ ВА ПОСБОНОНИ ПОДШОҲ МЕБОШАНД.
ҲОЗИР Ӯ БА ХАЧИРИ ПОДШОҲ САВОР ШУДААСТ, ВА САДОЕ КИ ШУМО ШУНИДАЕД – ҒУЛҒУЛАИ ҶАШН ДАР ШАҲР АСТ.


«ВА СУЛАЙМОН АЛЛАКАЙ БАР ТАХТИ ПОДШОҲӢ НИШАСТААСТ ВА ҲАМА ОМАДА ӮРО ТАБРИК МЕКУНАНД».
НАБОЯД КАСЕ МОРО ДАР ИН ҶО БО АДӮНИЁ БИНАД!
МАН БОЯД БА МАЪБАД РАВАМ ВА ШОХҲОИ ҚУРБОНГОҲРО ДОШТА, ИЛТИҶО КУНАМ, КИ БА МАН РАҲМ КАРДА ШАВАД.
ИН ХИЁНАТ ҲИСОБИДА МЕШАВАД. МЕГУРЕЗЕМ!
МАРҲАМАТ МЕХОҲАМ – МАН ДАР МАЪБАДИ ХУДО ҲАСТАМ.
ПИСАРИ ПОДШОҲ МАРҲАМАТ МЕХОҲАД.
АГАР Ӯ РОСТКОР ГАРДАД, ЯК МӮЯШ БАР ЗАМИН НАХОҲАД АФТОД.
ТУ МЕТАВОНӢ БА ХОНААТ РАВӢ.


МАН БА РОҲИ ТАМОМИ АҲЛИ ЗАМИН МЕРАВАМ … АММО БА СУХАНОНИ МАН ГӮШ ДЕҲ.
ҚАВИДИЛ ВА МАРД БОШ ВА ФАРМУДАҲОИ ШАРИАТРО БА ҶО ОВАР. АМРИ ХУДОРО БА ҶО ОВАРДА, ДАСТУРҲОИ ӮРО РИОЯ НАМО, ТО ДАР ҲАР КОР КОМЁБ ГАРДӢ.
ТУ ОН БАДИРО, КИ ЮОБ БА МАН ВА БА ДУ САРЛАШКАРИ ИСРОИЛ КАРД, МЕДОНӢ. БО Ӯ МУВОФИҚИ ҲИКМАТИ ХУД АМАЛ НАМО, АММО НАМОН, КИ МӮИ САФЕДАШ БА САЛОМАТӢ БА ГӮР ФУРУД ОЯД.
БА БАРЗИЛОЙ МЕҲРУБОНӢ НАМО … ВАҚТЕ КИ АЗ ДАСТИ БАРОДАРАТ АБШОЛӮМ РӮ БА ГУРЕЗ ОВАРДАМ, БАРЗИЛОЙ БА МАН КӮМАК НАМУД.
ШИМЪИРО БА ЁД ОВАР, КИ МАРО ДАШНОМҲО ДОДА БУД ВА МАН ӮРО ҶАЗО НАДОДА БУДАМ.
АММО ТУ… МӮИ САФЕДАШРО ХУНОЛУД ГАРДОНИДА БА ГӮР ФУРУД ОВАР.
ДОВУД БАР ИСРОИЛ ЧИЛ СОЛ ПОДШОҲӢ КАРД – ҲАФТ СОЛ ДАР ҲЕБРӮН ВА СИЮ СЕ СОЛ ДАР УРШАЛИМ.
Ӯ МАРДЕ БА МУДДАОИ ДИЛИ ХУДО БУД.
МО АЗ ҚАРОРИ ДОВУД, КИ СУЛАЙМОНРО ВОРИС ГАРДОНД, ДИЛПУР БУДА МЕТАВОНЕМ.


ОЁ БО ОСОИШТАГӢ ОМАДАЙ?
ҲА, АММО МАН БА ТУ СУХАНЕ ДОРАМ.
ТУ МЕДОНӢ, КИ ПОДШОҲӢ БА МАН ТААЛЛУҚ ДОШТ, ВАЛЕКИН БАЪД ҲАМААШ ДИГАРГУН ШУД ВА ПАРВАРДИГОР ПОДШОҲИРО НАСИБИ БАРОДАРАМ ГАРДОНД.
МАН ИЛТИМОСЕ АЗ ТУ ДОРАМ, ХОҲИШИ МАРО РАД НАКУН.
АБИШАГИ ШУНАММИРО, КИ ДАР РӮЗҲОИ ОХИРИН ПОДШОҲРО НИГОҲУБИН МЕКАРД, БА МАН БА ЗАНӢ БИДИҲАД.
МАН ДАР ИН БОРА БО СУЛАЙМОН ГАП МЕЗАНАМ ВА МЕБИНАМ, КИ Ӯ ЧӢ МЕГӮЯД.
МОДАР – БА ТАХТЕ КИ БАРОИ МОДАРИ ПОДШОҲ ОВАРДААМ, БИНИШИН.
ТУ МЕДОНӢ, КИ МАН ХОҲИШИ ТУРО РАД НАМЕКУНАМ.
ЯК ИЛТИМОСИ ХУРДЕ МАН АЗ ТУ ДОРАМ, ХОҲИШИ МАРО РАД НАКУН
БАРОДАРАТ АДӮНИЁ… МЕХОҲАД АБИШАГРО БА ЗАНӢ ГИРАД.
Ӯ ҲАМЧУНИН МЕТАВОНИСТ ПОДШОҲИРО БАРОИ ХУД ДАРХОСТ КУНАД, ЗЕРО Ӯ БАРОДАРИ КАЛОНИИ МАН АСТ.
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОРЕ КИ МАРО БАР ИН ТАХТ МУСТАҲКАМ НАМУДААСТ … АДӮНИЁ ИМРӮЗ БАРОИ ИН ДАРХОСТИ МАҒРУРОНААШ КУШТА МЕШАВАД.
АААҲҲ




III Подшоҳон 2:26-46


СУЛАЙМОН ДУХТАРИ ФИРЪАВНРО БА ЗАНӢ ГИРИФТА ӮРО БА ШАҲРИ ДОВУД ОВАРД.
ДАР ШАҲРИ ҶИБЪӮН, ДАР НАЗДИ УРШАЛИМ, БАЛАНДИЕ БУД, КИ ХАЙМАИ МУСО ВА ҚУРБОНГОҲИ МИСИН ОН ҶО БУД.
ДАР ҶИБЪӮН СУЛАЙМОН ҲАЗОР ҚУРБОНИИ СӮХТАНӢ ОВАРД.
(1) ЭҲТИМОЛ, ИН ФИРЪАВН СИАМОН АЗ СУЛОЛАИ 21-УМ БУД. ИН НИШОНДИҲАНДАИ МАҚОМИ СУЛАЙМОН ДАР АРСАИ ҶАҲОНИ ОН ЗАМОН БУД.
ВА ДАР ОН ҶО ХУДО БА СУЛАЙМОН ДАР ХОБИ ШАБ ЗОҲИР ГАРДИД.
ТУ МЕТАВОНӢ ҲАР ЧИ КИ ХОҲӢ, ТАЛАБ НАМОЙ, ВА МАН БА ТУ МЕДИҲАМ.
ТУ МАРО БА ҶОИ ПАДАРАМ ДОВУД ПОДШОҲ КАРДӢ, АГАРЧИ МАН ҶАВОНИ ХУРДСОЛЕ ҲАСТАМ. (2)
БА МАН ДИЛИ БОХИРАД АТО НАМО, ТО КИ ҚАВМИ ТУРО ХУБ ИДОРА КУНАМ, ВА БА ФАРҚИ БАЙНИ НЕКУ БАД САРФАҲМ РАВАМ.
ИН ДАРХОСТ БА НАЗАРИ ХУДО ПИСАНД ОМАД.
(2) ИН ВАҚТ СУЛАЙМОН ТАҚРИБАН БИСТУЯКСОЛА БУД.


АЗБАСКИ ТУ БАРОИ ИДОРА КАРДАНИ ХАЛҚИ МАН ХИРАД ТАЛАБИДӢ, ВА БАРОИ ХУД АЙЁМИ ДУРУ ДАРОЗ, Ё САРВАТ, Ё ҶОНИ ДУШМАНОНАТРО ТАЛАБ НАКАРДӢ, ИНАК, АЗ РӮИ ГУФТАИ ТУ МЕКУНАМ.
БА ТУ ДИЛИ ПУРҲИКМАТ ВА БОХИРАД МЕДИҲАМ, БА ТАВРЕ КИ ПЕШ АЗ ТУ КАСЕ МИСЛИ ТУ НАБУД, ВА БАЪД АЗ ТУ КАСЕ МИСЛИ ТУ НАХОҲАД БУД.
ВА НИЗ ОН ЧИРО, КИ ТАЛАБ НАКАРДӢ, АТО МЕНАМОЯМ — САРВАТ ВА ҶАЛОЛРО! ДАР ТАМОМИ ҶАҲОН КАСЕ ЧУН ТУ САРВАТМАНД ВА МАШҲУР НАХОҲАД БУД.
ВА АГАР БО РОҲҲОИ МАН РАФТОР КАРДА, ФАРИЗАҲО ВА ФАРМУДАҲОИ МАРО РИОЯ НАМОӢ, ЧУНОН КИ ПАДАРАТ ДОВУД МЕКАРД, МАН УМРИ ТУРО ДУРУ ДАРОЗ МЕГАРДОНАМ.


ВА СУЛАЙМОН БЕДОР ШУД, ВА ФАҲМИД, КИ ИН ХОБ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР БУД.
Ӯ БА УРШАЛИМ БАРГАШТА, ДАР ОН ҶО БА ПАРВАРДИГОР ҚУРБОНИҲОИ СӮХТАНӢ БАРОВАРД.
ВА БАЪД БАРОИ ҲАМАИ НАВКАРОНАШ БАЗМ БАРПО КАРД.






III Подшоҳон 3:16-24




III Подшоҳон 3:25-28


ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ СУЛАЙМОН ҲАМАИ ДУВОЗДАҲ ҚАБИЛАИ ИСРОИЛ МУТТАҲИД БУДАНД.
СУЛАЙМОН САРЛАШКАРИ ХУД, КОҲИНОН, КОТИБОН ВА МУНШИЁНИ ХУД, ХОДИМОНИ ДАРБОР, АМАЛДОРОНРО БАР НОҲИЯҲО ВА КОРГАРОНРО БАРОИ КОРҲОИ МАҶБУРӢ ТАЪЙИН НАМУД.
Ӯ ДУВОЗДАҲ ВОЛӢ БАР НОҲИЯҲО ДОШТ. ОНҲО БО НАВБАТ, СОЛЕ ЯК МОҲ, ПОДШОҲ ВА ХОНАДОНАШРО БО ХӮРОКВОРӢ ТАЪМИН МЕКАРДАНД.


ТО ДАМЕ КИ СУЛАЙМОН ПАРВАРДИГОРРО ПАЙРАВӢ МЕКАРД, ИСРОИЛ ЯГОНА БУД – ИН ЗАМОНИ ОСОИШ ВА ФАРОВОНӢ БУД.
III Подшоҳон 4:1-28









III Подшоҳон 4:20-28




III Подшоҳон 4:29-34






III Подшоҳон 4:32, Масалҳо


ДАР КИТОБИ МАСАЛҲО ПОДШОҲ СУЛАЙМОН МУАЛЛИФИ БОБҲОИ 1-22:16 ВА ТАРТИБДИҲАНДАИ «СУХАНОНИ ХИРАДМАНДОН» ДАР БОБҲОИ ДИГАР АСТ. ШОЯД, Ӯ ҲАМЧУНИН ЛЕМУИЛ АЗ БОБИ 31 АСТ.
МАСАЛҲО ИСТИФОДАИ ЯКХЕЛАРО ДАР НАЗАР НАДОРАНД, БАЛКИ ПРИНСИПҲОИ АСОСИРО ДАР БОРАИ ОН ИФОДА МЕКУНАНД, КИ РОСТКОРОН УМРИ БЕШТАР МЕБИНАНД, ПЕШРАФТ МЕКУНАНД ВА АЗ НЕКӮИИ ХУДО ҲАЛОВАТ МЕБАРАНД – ДАР ҲОЛЕ КИ БЕАҚЛОН, ДАР НИҲОЯТИ КОР, БА ШАРМСОРӢ ВА МАРГ ДУЧОР МЕШАВАНД.
ДАР МАСАЛҲО МО ДАР БОРАИ ХИСЛАТИ ХУДО ВА СИФАТҲОИ Ӯ МЕФАҲМЕМ.
МАСАЛҲО БА МУНОСИБАТҲО БО ХУДО, МУНОСИБАТИ ИНСОН БО ХУД ВА ХИСЛАТИ Ӯ, ВА БА МУНОСИБАТҲОИ ИНСОН БО ДИГАРОН ДАХЛ МЕКУНАНД.
МАСАЛҲО ПЕШ АЗ ОН, КИ ДИЛИ Ӯ АЗ ПАРВАРДИГОР РӮ ГАРДОНД, НАВИШТА ШУДААНД.






Масалҳо 1:10-33


БА ҲАР ҶАВОНЕ КИ БА МАН ГӮШ МЕДИҲАД ВА БА ФАРМУДАҲОИ МАН ИТОАТ МЕКУНАД, ҲИКМАТ ВА АҚЛИ СОЛИМ ДОДА ХОҲАД ШУД.
АГАР ДОНИШРО ЧУН ГАНҶИ НИҲОН БИҶӮӢ, БА ТУ ҲИКМАТ ВА ДОНИШ АЗ ХУДИ ПАРВАРДИГОР ДОДА ХОҲАД ШУД.
ЗЕРО ПАРВАРДИГОР ҲИКМАТ АТО МЕКУНАД! ҲАР СУХАНИ Ӯ – ГАНҶИ ДОНИШ ВА ФАҲМИШ АСТ.
Ӯ БАРОИ ХУДОТАРСОН СИПАР АСТ, ОНҲОРО ҲИМОЯТ МЕКУНАД ВА РОҲАШОНРО НИГАҲБОНӢ МЕКУНАД.
Ӯ ҲАЁТИ ТУРО БО ШОДӢ ПУР МЕКУНАД.
ҲИКМАТ ТУРО АЗ ЗАНИ БАДАХЛОҚ НАҶОТ МЕДИҲАД; АЗ КАСОНЕ КИ ШАВҲАРОНАШОНРО ТАРК КАРДААНД ВА АЗ ҚОНУНҲОИ ПАРВАРДИГОР НАФРАТ ДОРАНД.
ХОНАҲОИ ОНҲО СӮИ МАРГ МЕБАРАНД, ВА РОҲҲОИ ОНҲО – СӮИ ҲАЛОКАТ. ҲАР КӢ НАЗДИ ВАЙ БИЁЯД, БОЗГАШТ НАХОҲАД КАРД, ВА БА РОҲҲОИ ҲАЁТ ДОХИЛ НАХОҲАД ШУД.
БО РОҲИ НЕКОН РАВОНА ШАВ ВА ТАРИҚҲОИ ОДИЛОНРО ПАЙРАВӢ НАМО, ЗЕРО ФАҚАТ РОСТКОРОН АЗ ПУРРАГИИ ҲАЁТ ҲАЛОВАТ МЕБАРАНД; БАДКИРДОРОН ЧИЗҲОИ НЕКРО, КИ ДОШТА МЕТАВОНИСТАНД, АЗ ДАСТ МЕДИҲАНД, ВА ХУДАШОН МАҲВ МЕШАВАНД.


ЭЙ ПИСАРАМ! АГАР БА ЁРИ ХУД ЗОМИН ШУДА, БАРОИ Ӯ ДАСТИ ПАЙМОН ДОДА БОШӢ, БА ДОМ АФТОДА, БА БАЛО МОНДАЙ. ЗУД БОШ ВА ХУДРО ХАЛОСӢ ДЕҲ, АГАР ТАВОНӢ!
АЗ МӮРЧАГОН ИБРАТ ГИР, РАФТОРИ ОНҲОРО НИГАР ВА ҲИКМАТ ОМӮЗ, ЭЙ ТАНБАЛ! ОНҲО ХӮРОКИ ХУДРО ТОБИСТОН ТАЙЁР МЕКУНАД, ҒИЗОИ ХУДРО БАРОИ ЗИМИСТОН ЗАХИРА МЕНАМОЯД. ТО БА КАЙ, ЭЙ ТАНБАЛ, ХОБ МЕРАВӢ? АЗ ХОБИ ХУД КАЙ МЕХЕЗӢ?
ИНАК ҲАФТ ЧИЗ, КИ ПАРВАРДИГОР АЗ ОНҲО НАФРАТ ДОРАД – ҲАВОБАЛАНДӢ, ЗАБОНИ ДУРӮҒГӮЙ, ХУНРЕЗӢ, НИЯТҲОИ БАД, МАЙЛ БА БАДӢ, ШАҲОДАТИ БАРДУРӮҒ ВА ИХТИЛОФ АНГЕХТАН ДАР БАЙНИ БАРОДАРОН.
ЭЙ, ЭЙ, ОНҲО ҲЕҶ ГОҲ ПАЙ НАМЕБАРАНД, КИ ИН ЧИЗ ГУМ ШУДААСТ.
БА СУХАНОНИ ПАДАРУ МОДАР ГӮШ ДЕҲ. МАСЛИҲАТИ ОНҲО ТУРО АЗ БАДАХЛОҚӢ ВА АЗ ЗАНИ ЗИНОКОРИ КАСИ ДИГАР НИГАҲБОНӢ МЕКУНАД.
ТУ БОЯД СОАТИ 23:00 БАРГАРДӢ.
ХУБ, ПАДАР.
КАСЕ КИ БО ЗАНЕ ЗИНО КУНАД, БЕАҚЛ АСТ – Ӯ ҶОНИ ХУДРО НОБУД МЕКУНАД. ЗАРБУ ЛАТ ВА ШАРМАНДАГӢ НАСИБИ Ӯ МЕШАВАД.



ПИСАРИ БОХИРАД ПАДАРРО ХЕЛЕ ШОД МЕКУНАД,
ВАЛЕ ПИСАРИ АБЛАҲ САБАБИ АНДӮҲИ ЗИЁДИ МОДАРИ ХУД МЕШАВАД.
ЗИКРИ РОСТКОР МУБОРАК АСТ, ВАЛЕ НОМИ БАДКИРДОРОН НАФРАТОВАР АСТ.
ЧУНИН УСТОДИ БУЗУРГ – ҲАМЕША БОИНСОФ ВА ОДИЛ.
Ӯ БАРОИ ПИСАРИ МАН НАМУНАИ ОЛИДАРАҶА БУД.
ТАРСИ ПАРВАРДИГОР БА ДАРОЗУМРӢ МУСОИДАТ МЕКУНАД.
ВАЛЕ СОЛҲОИ БАДКИРДОРОН КӮТОҲ МЕШАВАД.
ЧӢ ШАРМАНДАГИСТ МАРГ ДАР ЧУНИН СИННИ ҶАВОНӢ.
Ӯ ТАМОМИ УМР МАЙНӮШӢ МЕКАРД ВА СИГОР МЕКАШИД – ЧӢ ЧИЗИ ДИГАРРО ИНТИЗОР ШУДАН МУМКИН БУД?
ДУГОНИКҲОИ СОЛИМ!
ИНТИЗОРИИ РОСТКОРОН ШОДМОНИСТ.
ВАЛЕ УМЕДВОРИИ БАДКИРДОРОН НЕСТ МЕШАВАД.


ПАРВАРДИГОР АЗ ФИРЕБ НАФРАТ ДОРАД ВА АЗ БОИНСОФӢ ШОД МЕШАВАД.
ЧӢ ГУНАЕ КИ ҲАЛҚАИ ЗЕБОИ ТИЛЛО ДАР БИНИИ ХУК БОШАД, ЗАНИ ХУШРӮЙ ВА БЕАҚЛ ОН ГУНА АСТ.
ҲАМА АЗ ШАХСИ СОЛИМФИКР БА ВАҶД МЕОЯНД, ВА АЗ ШАХСЕ КИ ФИКРИ ФОСИД ДОРАД, НАФРАТ МЕКУНАНД.
АЗ ҲАМИН САБАБ БАРОИ КОМРОН КОР КАРДАН БА МАН МАЪҚУЛ АСТ – Ӯ БА ҲАР ЯК КОРГАР ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲ ДОРАД, НА ТАНҲО БА ИДОРА КАРДАН.
МО ИН КОРРО БА ҶО ОВАРДЕМ!
ҲАР СЕИ МОРО ҚАБУЛ КАРДАНД!
ҲАР КӢ БО ХИРАДМАНДОН ДӮСТӢ КУНАД, ХУДАШ ХИРАДМАНД МЕШАВАД.
АММО КАСОНЕ КИ БО БЕАҚЛОН МЕГАРДАД, ХУДАШ БЕАҚЛ ШУДАН МЕГИРАД.
ҶАВОБИ НАРМ ҒАЗАБРО ФУРӮ МЕНИШОНАД, ВАЛЕ СУХАНИ САХТ ХАШМРО БАРМЕАНГЕЗАД.
КАСЕ КИ ЗАНИ СОЛЕҲА ДОШТА БОШАД, НЕКБАХТӢ ПАЙДО КАРДААСТ, ВА АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР ФАЙЗ ЁФТААСТ.


ҲАМАИ ОН ЧИ ИН ДУХТАР ДАР БОРАИ ТУ БА ОДАМОН МЕГӮЯД, ДУРӮҒ АСТ!
КАСОНЕ КИ МАРО МЕШИНОСАНД, БЕҲТАР МЕДОНАНД, ВА МУВОФИҚИ ОН ОВОЗ МЕДИҲАНД.
PARTY WITH PATTY
БАРОИ БАДӢ ИНТИҚОМ НАГИР. МАСЪАЛАРО БА ИХТИЁРИ ПАРВАРДИГОР ВОГУЗОР.
САРВАТДОР БАР КАМБАҒАЛОН ҲУКМРОНӢ МЕКУНАД, ВА ҚАРЗДОР ҒУЛОМИ ҚАРЗХОҲ МЕГАРДАД.
25% INTEREST ON SAME DAY LOANS
ШАРОБ МАСХАРА МЕДОРАД, БӮЗА ТАЛОТУМ МЕКУНАД, ВА ҲАР КӢ САРГАРМИ ОН ГАРДАД, ХИРАДМАНД НАМЕШАВАД. ШАРОБ ОҚИБАТ МИСЛИ МОР МЕГАЗАД.
АГАР ДУШМАНИ ТУ ГУРУСНА БОШАД, ШИКАМИ ӮРО СЕР КУН.
АГАР ТАШНА БОШАД, БА Ӯ ОБ ДЕҲ.
КАСЕ КИ САРВАТИ ХУДРО БО СУД ВА РИБО АФЗУН НАМОЯД, ОНРО БАРОИ ХАЙРХОҲИ МИСКИНОН ҒУН МЕКУНАД.
БАДКИРДОРОН ДАР БОРАИ МУҲТОҶОН ФИКР НАМЕКУНАНД, АММО РОСТКОРОН ДАР ҲАҚҚИ БЕНАВОЁН ҒАМХОРӢ МЕКУНАНД.


АГАР ЗАНИ СОЛЕҲА ЁФТА ШАВАД БОШӢ, БАҲОИ ВАЙ АЗ ҶАВОҲИР ГАРОНТАР АСТ!
ШАВҲАРАШ АЗ ВАЙ ДИЛПУР АСТ. ВАЙ ТАМОМИ АЙЁМИ УМРИ ХУД БА ШАВҲАРАШ НЕКӢ МЕКУНАД, ВА НА БАДӢ.
Ӯ ФАЪОЛ, МЕҲНАТДӮСТ АСТ, ВА ОҚИЛОНА САРФ МЕКУНАД.
2 FOR I BARGA DAY
Ӯ ПЕШ АЗ ДАМИДА НИ СУБҲ БАРМЕХЕЗАД!
Ӯ ДАР ҲАҚҚИ БЕНАВОЁН ҒАМХОРӢ МЕКУНАД ВА БА МУҲТОҶОН САХОВАТМАНДОНА ЁРӢ МЕРАСОНАД.
ҲАНГОМЕ Ӯ ГАП МЕЗАНАД, СУХАНОНИ Ӯ ХИРАДМАНДОНА ВА ПАНДОМӮЗ МЕБОШАНД.
ЛАТОФАТ НАЗАРФИРЕБ ВА ҲУСНУ ҶАМОЛ ҲЕҶУ ПУЧ АСТ, АММО ЗАНЕ КИ АЗ ПАРВАРДИГОР МЕТАРСАД, САЗОВОРИ СИТОИШ АСТ.


Суруди Сурудҳо
АЗ 1 005 СУРУДИ НАВИШТАИ СУЛАЙМОН ЯКЕ МАХСУС ҶУДО ШУДА МЕИСТАД.
ИН СУРУДИ СУРУДҲОСТ, КИ ЧУН БЕҲТАРИН АСАР ДАР КИТОБИ МУҚАДДАС НАВИШТА ШУДААСТ.
ИН СУРУД ДАР БОРАИ МУҲАББАТИ СУЛАЙМОН БА СУЛАМИТ АСТ.
МАЪЛУМ НЕСТ, КИ ОЁ ИН ДУХТАР АЗ САРЗАМИНИ СУЛАМ БУД, КИ ОН ҶО СУЛАЙМОН ТОКЗОРҲО ДОШТ, Ё, ЭҲТИМОЛ, АБИШАГИ ШУНАМӢ БУД, КИ БА ПАДАРИ Ӯ ҒАМХОРӢ МЕКАРД.
АММО ОН ЧИЗ АНИҚ АСТ, КИ ИН СУРУД ИНЪИКОСИ МУҲАББАТИ МУҚАДДАС ВА МУҲАББАТИ ЗЕБО ДАР ОИЛА АСТ – ПУР АЗ РОМАНТИКА ВА ШУКӮҲМАНДӢ.
ҚИСМИ ЯКУМИ СУРУД ДАР БОРАИ ТАФСИЛОТИ ИШҚВАРЗӢ ВА ХОҲИШИ БО ҲАМ БУДАН АСТ.
БАЪД ВАҚТИ АҚДИ НИКОҲ АСТ, КИ ДЕР БОЗ ИНТИЗОРАШ БУДАНД.
БАЪД ЗИНДАГӢ ДАР ОИЛА, БО ИХТИЛОФОТ ВА ОШТИШАВИҲО ВА АФЗУДАН ДАР МУҲАББАТ.


ЧЕҲРААМ АЗ ОН САБАБ СИЁҲТОБ АСТ, КИ МАН ДАР ТОКЗОРҲО КОР КАРДАМ.
МАҲБУБИ МАН БАРОИ МАН ДАСТАИ ГУЛҲОСТ, КИ ДАР ТОКЗОРҲОИ АЙН-ҶАДӢ МЕСАБЗАД. ИНАК, ТУ НОЗАНИН ҲАСТӢ, ЭЙ ЁРИ МАН! ИНАК, ТУ НОЗАНИН ҲАСТӢ! ЧАШМОНАТ МИСЛИ ЧАШМОНИ КАБӮТАР АСТ.
МАН НАРГИСИ ШОРӮН, САВСАНИ ВОДИҲО ҲАСТАМ.
ЧУНОН КИ САВСАН ДАР МИЁНИ ХОРҲОСТ, ОНЧУНОН ЁРИ МАН ДАР МИЁНИ ДУХТАРОН АСТ.


ИН КИСТ, КИ АЗ БИЁБОН МИСЛИ СУТУНҲОИ ДУД БОЛО МЕРАВАД, ВА БӮИ МУР, ЛОДАН ВА ҲАР НАВЪ ХОКАИ АТРАФШОНРО ДОРАД, КИ ХАРИДАН МУМКИН АСТ?
ИНАК ТАХТИ РАВОНИ СУЛАЙМОН БО ШАСТ НАФАР ПАҲЛАВОНОНИ ЛАШКАРИ Ӯ ДАР ГИРДИ ОН.
ЭЙ ДУХТАРОНИ СИОН, БЕРУН ОЕД ВА СУЛАЙМОНИ ПОДШОҲРО БУБИНЕД, БО ТОҶЕ КИ МОДАРАШ ДАР РӮЗИ ТӮЙИ Ӯ, ВА ДАР РӮЗИ ШОДМОНИИ ДИЛИ Ӯ БАР САРИ Ӯ НИҲОДААСТ.


ИНАК, ТУ НОЗАНИН ҲАСТӢ, ЭЙ ЁРИ МАН! ИНАК, ТУ НОЗАНИН ҲАСТӢ!
ДИЛИ МАРО РАБУДАЙ, ЭЙ АРӮСИ МАН! БО ЯК НИГОҲИ ЧАШМОНИ ХУД ДИЛИ МАРО РАБУДАЙ.
АРӮСИ МАН БОҒИ ДАРБАСТА, МАНБАИ ОБ, ЧАШМАЕСТ, КИ ҲЕҶ КАСИ ДИГАР АЗ ОН НАМЕНӮШАД.
БА БОҒ ДАРО ВА АЗ МЕВАҲОИ ХУШТАЪМИ ОН БИХӮР.


МАН ДАРРО КУШОДАМ, ВАЛЕ МАҲБУБИ МАН САР ТОФТА РАФТА БУД. ВАҚТЕ КИ СУХАН ГУФТ, ҶОНАМ ДАР ИЗТИРОБ АФТОД.
ӮРО ҶЕҒ ЗАДАМ, ВАЛЕ БА МАН ҶАВОБ НАГАРДОНД.
МАҲБУБИ ТУ КУҶО РАФТААСТ, ЭЙ НОЗАНИНТАРИНИ ЗАНОН? ӮРО БО ТУ ҶУСТУҶӮ МЕКУНЕМ.
МАҲБУБИ МАН БА БОҒИ ХУД, БА ПУШТАҲОИ РАЙҲОН ФУРУД ОМАДААСТ, ТО КИ ДАР БОҒОТ БИЧАРОНАД ВА САВСАНҲО БИЧИНАД.
ЧУНОН КИ КАРМИЛ ТОҶИ ҚУЛЛАҲОИ КӮҲҲОСТ, МӮЙҲОЯТ ТОҶИ ТУ МЕБОШАНД. ПОДШОҲ ГИРИФТОРИ МӮЙҲОИ ШОҲОНАИ ТУ ШУДААСТ.
МАРО МИСЛИ МӮҲРЕ БАР ДИЛИ ХУД БИГУЗОР; ЗЕРО КИ МУҲАББАТ МИСЛИ МАРГ ПУРЗӮР АСТ.
ОБҲОИ БИСЁР НАМЕТАВОНАД МУҲАББАТРО ХОМӮШ КУНАД, ВА НАҲРҲО НАМЕТАВОНАНД ОНРО ФУРӮ НИШОНАНД.






II Вақоеъномa 2:1-12, III Подшоҳон 5:1-9


МО ДАРАХТОНРО АЗ ЛУБНОН БУРИДА, БА ШАКЛИ АМАДҲО БО РОҲИ БАҲР МЕОВАРЕМ.
ВА АЗБАСКИ МО ЗАМИНИ КИШТБОБИ ЗИЁД НАДОРЕМ, ХОҲИШ МЕНАМОЕМ, КИ БА МО ДАР ИВАЗИ КОР ХӮРОКВОРӢ БИФИРИСТЕД.
ВА СУЛАЙМОН 30 000 КОРГАРОНРО ДАЪВАТ НАМУД, ТО КИ 10 000 НАФАРИ ОНҲО ҲАР МОҲ БО ЧӮБ КОР КУНАНД.
ИЛОВА БА ИН ДАР ОН ҶО 70 000 БОРКАШҲО ВА 80 000 САНГТАРОШОН БУДАНД, КИ ҶИНСҲОИ СИФАТНОКИ САНГҲОИ КАЛОНРО БАРОИ СОХТМОНИ МАЪБАД МЕТАРОШИДАНД.











II Вақоеънома 3; III Подшоҳон 6:1-13


ПОДШОҲИ СУР ҲАМЧУНИН ҲУРОМ НОМ ШАХСЕРО ФИРИСТОД, КИ ҲАМАИ ҲУНАРҲОИ КОРКАРДИ ФИЛИЗОТРО ДОРО БУД.
Ӯ АЗ МИС ҲАВЗИ КАЛОНЕ СОХТ, КИ БАҲР НОМИДА МЕШУД (1), ВА ОН БАР ДУВОЗДАҲ ГОВ МЕИСТОД.
(1) БАРИ БАҲР ЧОРДАҲ МЕТР БУД ВА ДАР ОН ЗИЁДА АЗ 40 000 ЛИТР ОБ МЕҒУНҶИД.
Ӯ ҚУРБОНГОҲИ ТИЛЛО ВА МИЗҲОРО БАРОИ НОНИ ТАҚДИМ СОХТ.
ҲАМАИ ЧАРОҒДОНҲО, АНБӮРҲО, ОТАШГИРАКҲО ВА КОСАҲО ВА ЧУМЧАҲО ВА МАҶМАРҲОРО АЗ ЗАРИ ХОЛИС СОХТ.
ҲАТТО ЛАВОЗИМОТИ ДАРҲОИ МАЪБАД АЗ ЗАРИ ХОЛИС СОХТА ШУДА БУДАНД.


ПАС АЗ ҲАФТ СОЛ СОХТМОНИ МАЪБАД БА ОХИР РАСИД.
ҲАНГОМЕ КИ САНДУҚИ АҲД БА ҚУДСИ ҚУДСҲО БУРДА МЕШУД, СУЛАЙМОН, МАЪМУРОНИ Ӯ, КОҲИНОН, САРОЯНДАГОН, КАРНАЙНАВОЗОН, САРБОЗОН ВА ИЗДИҲОМИ МАРДУМ БА ОН ҲАМРОҲӢ КАРДАНД.



III Подшоҳон 6:38, 8:1-9; II Вақоеънома 5:1-3









III Подшоҳон 8:10-66


ПАРВАРДИГОР БОРИ ДУЮМ БА СУЛАЙМОН ЗОҲИР ШУД.
ДУОИ ТУРО ШУНИДАМ. МАН ИН МАЪБАДРО, КИ ТУ СОХТАЙ, ТАҚДИС КАРДАМ, ТО КИ НОМИ МАН ТО АБАД ДАР ОН БОШАД.
ВА АГАР БА МОНАНДИ ПАДАРАТ ДОВУД ДУРУСТ ЗИНДАГӢ КУНӢ, МАН ЧУНИН МЕКУНАМ, КИ АВЛОДОНАТ ТО АБАД ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ ХОҲАНД БУД.
АММО АГАР ТУ РӮЙ ГАРДОНӢ ВА РАФТА ХУДОЁНИ ДИГАРРО ПАРАСТИШ НАМОӢ, ИН МАЪБАД БА ХАРОБАЗОР ТАБДИЛ МЕЁБАД.
БО ҚУВВАИ ЗИЁДИ КОРИИ КИРОЯ СУЛАЙМОН ШАҲРҲОИ ЗАХИРАҲОРО БУНЁД НАМУД, ВА БИСЁР ШАҲРҲОРО БАРҚАРОР КАРД.
III Подшоҳон 9
Ӯ ҲАМЧУНИН КИШТИҲО СОХТ, КИ БА Ӯ ТИЛЛО МЕОВАРДАНД.






III Подшоҳон 10:1-13




III Подшоҳон 10:14-11:9, Такрори Шариат 17:16-17






III Подшоҳон 11:9-13




III Подшоҳон 11:14-36


ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД: «МАН ТУРО БА ТАХТИ ИСРОИЛ БО ҚУДРАТИ КОМИЛ МЕНИШОНАМ».
«АГАР ТУ БА ҲАР ФАРМУДАИ МАН ГӮШ ДИҲӢ, ВА ФАРОИЗУ АҲКОМИ МАРО РИОЯ НАМОЙ, ЧУНОН КИ БАНДААМ ДОВУД АМАЛ МЕКАРД, ОН ГОҲ МАН ТУРО БАРАКАТ МЕДИҲАМ, ВА АВЛОДОНИ ТУ ТО АБАД БАР ИСРОИЛ ПОДШОҲӢ МЕКУНАНД».
ҲАНГОМЕ КИ ИН ХАБАР БА ГӮШИ СУЛАЙМОН РАСИД, Ӯ ХОСТ ЁРОБЪОМРО БА ҚАТЛ РАСОНАД, ВАЛЕ ЁРОБЪОМ БАРХОСТА, БА МИСР НАЗДИ ШИШАК, ПОДШОҲИ МИСР, ГУРЕХТ.
ПАС АЗ ҲУКМРОНИИ 40-СОЛА БАР ИСРОИЛ, СУЛАЙМОН БО ПАДАРОНИ ХУД ХОБИД.
ПИСАРАШ РАҲАБЪОМ ҲАМЧУН ВОРИС БА ҶОИ Ӯ ПОДШОҲ ШУД.



ДЕРТАР ДАР ЗАМОНИ ЗИНДАГИИ ХУД СУЛАЙМОН БОЗ ЯК КИТОБ НАВИШТ – КИТОБИ ВОИЗ.
МАЪНОИ ИН КАЛИМА «МАВЪИЗАКУНАНДА» АСТ. ИН КИТОБ ЧӢ ТАВР БАҲРИ ПАРВАРДИГОР ЗИСТАНРО БА МО МЕОМӮЗОНАД.
ИН КИТОБ ТАРҶУМАИ ҲОЛИ СУЛАЙМОН АСТ, КИ ҚИСМИ ЗИЁДИ ҲАЁТИ ХУД БАРАКАТҲОИ ХУДОРО НА БАРОИ ҶАЛОЛИ ХУДО, БАЛКИ БАРОИ ҲАЛОВАТИ ХУД САРФ МЕКАРД.
Ӯ ИН СУХАНОНРО БАРОИ ЁРӢ БА НАСЛҲОИ ОЯНДА НАВИШТААСТ, ТО КИ ОНҲО ҲАМИН ГУНА ХАТОҲОРО СОДИР НАКУНАНД.
ИБОРАИ «ҲЕҶУ ПУЧ» ДАР ИН КИТОБ 38 БОР ИСТИФОДА ШУДААСТ ВА КӮШИШИ НОБАРОРИ ДАР ИН ЗИНДАГӢ БЕ ХУДО ҚАНОАТМАНД БУДАНРО ИФОДА МЕКУНАД.
БА ФИКРИ МАН, ҲЕҶ ЧИЗ АРЗИШЕ НАДОРАД, ҲАМА ЧИЗ ҲЕҶУ ПУЧ АСТ! ОДАМИЗОД БАРОИ ТАМОМИ МЕҲНАТИ ВАЗНИНИ ХУД ЧИРО БА ДАСТ МЕОВАРАД?
ҲАМАИ ЧИЗҲО ДИЛГИРКУНАНДА ВА ХАСТАКУНАНДА АСТ. ҲАР ҚАДАР БИНЕМ ҲАМ, ЧАШМ АЗ ДИДАН СЕР НАМЕШАВАД.
ЗЕРО КИ БА ҚАДРИ АФЗУДАНИ ҲИКМАТ ҒУССА МЕАФЗОЯД, ВА ҲАР КӢ ДОНИШРО ЗИЁД КУНАД, АЗОБРО ЗИЁД МЕКУНАД.


Воиз 1:1-8


МАН БА ОЗМУДАНИ БИСЁР ЧИЗҲО САР КАРДАМ …
МАН КӮШИШ КАРДАМ, КИ ШОД БОШАМ, АММО ДОИМО ХАНДИДАН АБЛАҲОНА АСТ.
КӮШИШ КАРДАМ, КИ ХУДРО БО МАЙ ҲАЛОВАТ БАХШАМ, ДАР ҲОЛЕ КИ БА САМТИ ҶУСТУҶӮИ ҲИКМАТ РАВОНА БУДАМ.
БАЪД САМТРО ДИГАР КАРДА, РОҲИ БЕАҚЛИРО ОЗМУДА ДИДАМ.
БАЪД КӮШИШ КАРДАМ ДАР КОРҲОИ БУЗУРГ ҚАНОАТМАНДӢ ПАЙДО КУНАМ. МАН ХОНАҲО, ТОКЗОРҲО, ГУЛЗОРҲО, БОҒҲО, ҲАВЗҲОИ ОБ СОХТАМ.
ПА-РАМ ПА-РАМ
ҒУЛОМОНИ БИСЁР ВА РАМАҲОИ БУЗУРГ ХАРИДАМ.
НУҚРА ВА ТИЛЛОИ ЗИЁД ҶАМЪ ОВАРДАМ, БАРОИ ХУД МУСИҚАНАВОЗОН ПАЙДО КАРДАМ.
БАЪД БИСЁР КАНИЗОНИ ҲАМХОБА БАРОИ ХУД ПАЙДО КАРДАМ.



Воиз 2:1-8


АЗ ҲАР ПОДШОҲЕ КИ ПЕШ АЗ МАН ДАР УРШАЛИМ БУД, БУЗУРГТАР ШУДАМ.
ҲАР ЧИ МЕХОСТАМ, ГИРИФТАМ, ХУДРО АЗ ҲЕҶ АЙШУ ТАРАБ БОЗДОРӢ НАКАРДАМ. МАН ҲАТТО АЗ МЕҲНАТИ ВАЗНИН ҲАЛОВАТ ПАЙДО НАМУДАМ.
ВАЛЕ ЧУН БА ҲАМАИ КОРҲОИ ХУД НАЗАР АНДОХТАМ, – ВА ИНАК, ҲАМА ҲЕҶУ ПУЧ ВА БОД ПАЙМУДАН АСТ, ВА ДАР ҲЕҶ ҶОЙ ЧИЗИ ҲАҚИҚАТАН АРЗИШНОК НЕСТ.
ВА МАН ДИДАМ, КИ БАРТАРИИ ҲИКМАТ БАР НОДОНӢ МОНАНДИ БАРТАРИИ РӮШНОӢ БАР ТОРИКИСТ.
БАЪД МАН ФАҲМИДАМ, КИ ҲИКМАТ НИЗ ҲЕҶУ ПУЧ АСТ. ҲАМ ХИРАДМАНД, ҲАМ НОДОН ҲАР ДУ МЕМИРАНД, ВА БАЪДИ МУДДАТЕ ҲАР ДУ ФАРОМӮШ МЕШАВАНД.
ОН ГОҲ ҚАРОР ДОДАМ, КИ БАРОИ ОДАМИЗОД ЧИЗЕ ХУБТАР АЗ ИН НЕСТ, КИ БИХӮРАД ВА БИНӮШАД ВА ҶОНИ ХУДРО АЗ МЕҲНАТИ ХУД ЛАЗЗАТ ДИҲАД.

Воиз 2:9-24


МАН ФАҲМИДАМ, КИ ДАР НАҚШАИ ХУДО БАРОИ ҲАР ЯК ЧИЗ ВАҚТ ХУД МУҚАРРАР КАРДА ШУДААСТ.
ВАҚТЕ БАРОИ ТАВАЛЛУД ШУДАН, ВА ВАҚТЕ БАРОИ МУРДАН.
ВАҚТЕ БАРОИ ХАРОБ КАРДАН, ВА ВАҚТЕ БАРОИ БИНО КАРДАН.
ВАҚТЕ БАРОИ ПАЙДО КАРДАН, ВА ВАҚТЕ БАРОИ ГУМ КАРДАН.
ВАҚТЕ БАРОИ ДӮСТ ДОШТАН, ВА ВАҚТЕ БАРОИ НАФРАТ КАРДАН.
ВА АГАРЧИ ПАРВАРДИГОР ОСОИШРО ДАР ДИЛҲОИ ОДАМОН ҶОЙ ДОДААСТ, БО ВУҶУДИ ИН, БИСЁРИҲО КОРЕРО, КИ ХУДО КАРДААСТ, АЗ ИБТИДО ВА ТО ИНТИҲО НАМЕТАВОНАНД ДАРЁБАНД.
ДОНИСТАМ, КИ ҲАР ОН ЧИ ХУДО КАРДААСТ, ТО АБАД ХОҲАД МОНД; ЧИЗЕ БАР ОН ИЛОВА НАМУДАН ВА АЗ ОН КАМ КАРДАН МУМКИН НЕСТ; ВА ХУДО ЧУНИН КАРДААСТ, ТО КИ АЗ Ӯ БИТАРСАНД; МАҚСАДИ ХУДО ОН АСТ, КИ ОДАМОН ДАР НАЗДИ ПАРВАРДИГОРИ ТАВОНО ТАРСИ ЭҲТИРОМОНА ДОШТА БОШАНД.
МАН ФАҲМИДАМ, КИ ПАРВАРДИГОР ҲАМ РОСТКОР ВА ҲАМ БАДКИРДОРРО ДОВАРӢ ХОҲАД КАРД.
ҲАМА БА ЯК ҶО МЕРАВАД: ҲАМА АЗ ХОК АСТ, ВА ҲАМА БА ХОК БАРМЕГАРДАД.



Воиз 3:1-18


ВА МАН ДИДАМ, КИ ҲАР МЕҲНАТ ВА ҲАР МУВАФФАҚИЯТИ КОР НАТИҶАИ АЗ ЯКДИГАР ҲАСАД БУРДАН АСТ. ИН НИЗ ҲЕҶУ ПУЧ ВА БОД ПАЙМУДАН АСТ!
ҶАВОНИ БЕНАВО ВА ХИРАДМАНД БЕҲ АЗ ПОДШОҲИ ПИР ВА АБЛАҲЕ КИ ҲАР МАСЛИҲАТРО РАД МЕКУНАД.
ВАҚТЕ КИ БА ХОНАИ ХУДО МЕРАВӢ, АЗ ПОИ ХУД БОХАБАР БОШ.
ВА БА ШУНИДАН БЕШТАР РАҒБАТ НАМО НАЗАР БА ҚУРБОНИҲОЕ КИ АБЛАҲОН МЕОВАРАНД.
ХУДО ДАР ОСМОН АСТ, ВАЛЕ ТУ БАР ЗАМИН ҲАСТӢ; БИНОБАР ИН СУХАНОНИ ХУДРО НАЗОРАТ НАМО.
ДӮСТДОРИ ПУЛ ҲЕҶ ГОҲ АЗ ОН СЕР НАМЕШАВАД. АБЛАҲОНА АСТ ФИКРЕ КИ ГӮЁ САРВАТ ХУШБАХТӢ МЕОВАРДА БОШАД!
БАДИЕ ҲАСТ, КИ МАН ДАР ҲАМА ҶО МУШОҲИДА КАРДААМ – КАСЕ КИ ХУДО БА Ӯ САРВАТ ВА МОЛУ МУЛК ВА ҶАЛОЛ МЕБАХШАД, ВА БАРОИ ҶОНИ Ӯ АЗ ҲАР ЧИЗЕ КИ ҲАВАС КУНАД, ҲЕҶ НОРАСОГӢ НЕСТ, ВАЛЕКИН ХУДО БА Ӯ ИХТИЁР НАДОДААСТ, КИ АЗ ОН БИХӮРАД, – БАЛКИ КАСИ БЕГОНА ОНРО МЕХӮРАД!


САХОВАТМАНДОНА БИДЕҲ, ЗЕРО АТОҲОЯТ ДЕРТАР БА ТУ БАРМЕГАРДАНД. АТОҲОЯТРО ДАР БАЙНИ БИСЁРИҲО ТАҚСИМ НАМО, ЧУНКИ БО ГУЗАШТИ РӮЗҲО ХУДАТ БА МӮҲТОҶӢ ДУЧОР ШУДА МЕТАВОНӢ.
ҲАРЧАНД ОДАМИЗОД СОЛҲОИ БИСЁР ЗИНДАГӢ КУНАД, БОЯД ДАР ҲАР РӮЗИ УМРАШ ШОДӢ КУНАД, ВАЛЕ ДАР ХОТИР ДОШТА БОШАД, КИ АБАДИЯТ ТӮЛОНИТАР АСТ ВА ҲАМАИ ОН ЧИ ДАР ИН ҶО РӮЙ МЕДИҲАД, ДАР МУҚОИСА БО ОН ҲЕЧУ ПУЧ АСТ!
ИН АСТ ХУЛОСАИ НИҲОИИ МАН: АЗ ХУДО БИТАРС ВА АҲКОМИ ӮРО РИОЯ НАМО, ЧУНКИ ҲАМА ЧИЗ БАРОИ ОДАМИЗОД АЗ ҲАМИН ИБОРАТ АСТ.
ЗЕРО КИ ҲАР АМАЛРО ХУДО БА ДОВАРӢ ХОҲАД ОВАРД, ҲАР АМАЛИ НИҲОНИРО НИЗ, ХОҲ НЕК БОШАД, ХОҲ БАД.



Воиз 11–12:14

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."













**SUPERBIBLE.TV**